«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, профессор

Ҳушвахтзода Қ.Х.

_____

"27" 02 _____ 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктори фалсафа PhD Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло таҳти унвони "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – "Шарқшиносӣ" дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Мушовири илмии ӯ доктори илмҳои филология, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои филологияи Эрон ва филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 27.02.2021, қарори №7 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадуллоро таҳти унвони

“Шеъри нав” ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким) бо ширкати муқарризон д.и.ф., профессори кафедраи “Назария ва таърихи адабиёт”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Казакова У. Қ. ва н.и.ф. дотсент, мудири кафедраи филологияи араб Рачабова М.Т. баррасиву муҳокима намуданд.

Нахуст профессор Казакова У.Қ. суханронӣ намуда, мавзуи диссертатсияро барои адабиётшиносии муосири тоҷик мубраму муҳим арзёбӣ кардаанд. Номбурда хотирнишон карданд, ки диссертатсияи А.А.Маҳмадулло ба таҳқиқи таҳаввуле, ки дар заминаи анъанаи манзумасарой дар шеъри форсӣ-тоҷикии муосир баъд аз зуҳури “шеъри нав” ба вуҷуд омадааст, бахшида шудааст. Муҳаққиқ дуруст хотирнишон мекунад, ки яке аз мавзуъҳои камшинохташуда дар чаҳорчӯби «шеъри нав» масъалаи таҳаввулу дигаргуниест, ки бар асари пайдоиши он дар манзумасарой ё маснависарой дар адабиёти муосир ба вуҷуд омадааст. Диссертант талош намуда, ин мавзуъро ба таври монографӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Диссертант дар диссертатсия хуссусият ва дарачаи таъсири Нимо ва “шеъри нав”-ро дар манзумаҳои шоирони муосири тоҷик, аз ҷумла М.Қаноат ва А.Ҳаким мавриди арзёбӣ қарор дода, ки ин ҷанба аз аҳаммияти тахқиқ дарак медиҳад.

Дар баробари муваффақиятҳои сершумор дар рисола баъзе камбуду костагиҳо ба назар мерасанд, ки зикрашон зарур аст:

1. Яке аз мавзӯъҳои калидӣ зимни омӯзиши масъалаи манзума ва таҳаввули он манзумаҳои М. Қаноат маҳсуб мешаванд. Ҳарчанд дар диссертатсия атрофи ин масоил изҳори назар шуда, вале ба андешаи мо манзумаҳои М.Қаноат ба таҳқиқи васеътар ниёзманданд, зеро тамоми таҳаввулу тағйири манзумасароиро метавон дар матни онҳо пайдо намуд.
2. Дар диссертатсия манзумаи “Санги ман-алмос”-и А.Ҳаким таҳлил шуда ва таъсирпазирии ӯ аз манзумаҳои Суҳроби Сипеҳрӣ таъкид шудааст. Аммо то онҷое, ки мо иттилоъ дорем, худи шоир ҳаргиз корашро

пайравӣ ва тақлид аз дигарон намешуморад. Аз инрӯ хуб буд ин масъала бо омӯзиши андешаҳои худи шоир таҷдиди назар ва баррасӣ гардад.

3. Дар диссертатсия ба андешаи мо хуб буд, атрофи манзумаҳои шоири муосир М.А. Солис ҳам изхори назар мешуд, зеро мавсуф дар ин замина манзумаҳои арзишманде дорад.

Албатта эродҳои зикршуда бе ҳеч ваҷҳ арзишу қиммати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертатсияро пас аз ислоҳи камбуду костагиҳои мавҷуд метавон ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи араб Рачабова М. Т. дар баромади худ нисбат ба рисолаи А.А.Маҳмадулло хотирнишон намуд, ки дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи масъалаи мазкур то ба имрӯз ба ин густурдагӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифта ва арзиши илмии он муайян карда нашудааст. Аз ин хотир, воқеан ҳам ба чунин баррасиҳои илмӣ ниёз мавҷуд буд. Рисолаи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, ҳафт зерфасл, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Дар навбати худ ҳар яке аз зерфаслҳо ба паҳлӯҳои мухталифи мавзуи асосӣ дахл намуда, муҳтавои корро аз лиҳози мундариҷаву санад ғанӣ гардонидааст.

Дар муқаддима муаллиф равиши кори илмии худ ва ҳадафҳои асосии пажӯҳиши мавзуъи мавриди назарро муайян сохтааст. Дар робита ба ин, дар боби аввал, ки “Нимо ва таҳаввули шеъри форсӣ” унвон гирифтааст, муҳаққиқ масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули шеъри нави форсӣ, пешгомони “шеъри нав”, нақши Нимо дар таҳаввули манзумасароиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Боби мазкурро метавон боби муқаддимавӣ ё заминавӣ номид, ки шомили се фасл ва ду зерфасл мебошад.

Боби дуюми рисола “Нигоҳе ба манзумаҳои пайравони мактаби Нимо” номгузорӣ шудааст. Он аз ду фасл ва панҷ зерфасл фароҳам омадааст. Дар боби мазкур шеъри Сиёвуши Касроӣ ва мактаби ҳунарии Нимо, устураи «Ораши камонгир» дар адаби форсӣ, бозтоби чеҳраи Ораш дар манзумаи «Ораши камонгир», манзумаи «Муҳраи сурх», истиқболи Суҳроби Сипеҳрӣ аз манзумаҳои Нимо, манзумаи «Садойи пойи об», манзумаи «Мусофир» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби савум “Мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик” унвон гирифта, муштамил бар чаҳор зербоб мебошад. Дар боби мазкур муҳаққиқ масъалаҳои заминаҳои зуҳури шеъри нав дар адабиёти нимаи дуюми асри ХХ, истиқболи омӯзаҳои Нимо дар шеъри тоҷик,маснавӣ ва вижагиҳои он дар адабиёти классикӣ, манзумасаройӣ дар адабиёти муосири тоҷик,манзумаи «Санги ман-алмос»-и Аскар Ҳакимро таҳқиқ намудааст. Қобили зикр аст, ки бобҳои дувуму савум бобҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Лозим ба таъкид аст, ки рисола бар асоси сарчашмаҳои боэътимоди илмию адабӣ ва омӯзиши пажӯҳишоти мухталифи марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда таълиф гардида, хулосаҳои умумӣ бар асоси таҳлилҳои дар бобу фаслҳои асосии он берун овардаи муаллиф мантиқӣ ва муътамад мебошанд. Муаллифи рисола тавонистааст, ки манзумаҳои форсиро бо манзумаҳои тоҷикӣ ба риштаи қиёс кашад ва дар ин замина хулосаҳои қобили таваҷҷуҳеро рӯи кор орад.

Дар радифи ин муваффақиятҳо дар пажӯҳиши мазкур баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни рисоларо тамомият бахшида метавонад:

1. Қисмати муқаддимавӣ ва ҳамчунин китобнома бояд мувофиқи талаботи охирони Низомномаи КОА омода карда шавад.

2. Дар рисола ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобатӣ хеле зиёд ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо то пешниҳоди диссертатсия ба Шурои дифоъ мувофиқи мақсад хоҳад буд.
3. Қисмати хулосаи рисола бояд таҷдиди назар карда шавад.

Тазаккур гардид, ки нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд. Диссертатсияи А.А.Маҳмадулло кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурӣ, ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоб профессорон У.Сафаров, Сулаймонов С., досентон Шодиев Р. А., Ҷобиров Д. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавоби қонеъкунанда гирифтанд. Бад-ин сурат, дар иртибот ба баромади муқарризон – д.и.ф., профессори кафедраи "Назария ва таърихи адабиёт"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Казакова У. Қ. ва н.и.ф. дотсент, мудири кафедраи филологияи араб Раҷабова М.Т. натиҷаи саволу ҷавоб ва муҳокимаи кор, шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи А.А.Маҳмадулло ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуъи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ, таҳаввули анъанаи манзумасароӣ бар асоси манзумаҳои Нимо ва пайравони мактаби ӯ бахшида шудааст. Унвонҷӯ ҷиҳати ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

1. Мурури мухтасар ба ҷараёни зуҳур ва инкишофи ҷунбиши таҷаддудхоҳӣ дар адабиёти муосири Эрон.
2. Омӯзиши дидгоҳҳои Нимо ва таҳлили манзумаҳои навпардозонаи шоир «Афсона» ва «Мурғи омин». Таъйини шабоҳату тафовутҳои манзумаҳои Нимо бо маснавиҳои қадим.

3. Таҳқиқи масоили таъсирпазирии шоирони муосири Нимо аз манзумаҳои навпардозона. Баррасии манзумаҳои С.Касрой «Ораши камонгир» ва «Муҳраи сурх» ва маснавиҳои С.Сипеҳрӣ, «Садои пойи об» ва «Мусофир».

4.Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри нави Эрон ва махсусан шеъри Нимо. Нигоҳе ба заминаҳои пайдоиши шеъри нави тоҷик дар ибтидои асри XX.

5. Муайянсозии нақши накди адабӣ дар муаррифӣ ва пешрафти шеъри муосири тоҷик.

6.Таҳлили масири рушду такомули маснавӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик ва таъйини вижагиҳои он. Таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шеъри муосири Эрон. Мурури иҷмолии маснавиҳои М.Қаноат ва А.Ҳаким.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки барои нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик ва хориҷӣ зуҳури манзума (маснавиҳои навпардозона) ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқу баррасии адабиётшиносона қарор мегирад.

Аҳаммияти амаливу назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки пас аз зуҳури густариши шеъри нав ва ҷараёнҳои он таҳаввулоти чашмгире дар шеъри тоҷик низ ба вуҷуд омад, ки дар шинохти раванди такомулу шаклгирии он маводи рисола судманд хоҳад буд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои онро метавон зимни омӯзиши таърихи адабиёти муосир, шинохту маърифати тамоюлҳои навин дар назми муосири форсию тоҷикӣ мавриди истифода қарор дод. Маводи диссертатсия барои таҳия ва тадвини китобу дастурҳои таълимӣ дар заминаи таърихи адабиёт корсоз хоҳад буд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 3 мақолаи муаллиф, ки ҳамагӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст:

1. Абдусаломзода А.М. Баъзе вижагиҳои манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ / А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2019. -№3 -С. 255-259.
2. Абдусаломзода А.М. Андешаҳои Нимо дар атрофи шеъри нави форсӣ/А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2019. -№6 -С. 225-228.
3. Абдусаломзода А.М. Баъзе хусусиятҳои манзумаҳои "Санги ман-алмос"-и А.Ҳаким ва "Садои пойи об"-и С.Сипеҳрӣ/ А.М. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология». –Душанбе: Сино, 2020. -№8 -С. 215-220.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои бо қарори № 6, аз таърихи 16.02.2022 диссертатсияи доктори фалсафа PhD Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадуллоро таҳти унвони "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – "Шарқшиносӣ" кори муҳимму арзишманд арзёбӣ намуда, онро таҳқиқи илмии комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – "Шарқшиносӣ" тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои олимон,
номзади илми филология, дотсент Шодиев Рустам Азизуллоевич
тел.: (+992) 919270791

почтаи эл: Shodirys@mail.ru

Муқарризон:
профессори кафедраи
"Назария ва таърихи адабиёт"-и
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Казакова У. Қ.
Тел.: (+992) 918267566
E-mail:kazakova_u@mail.ru

Номзади илми филология, мудири
кафедраи филологияи араби ДМТ Рачабова М. Т.
Тел.: (+992) 987509968
E-mail:rajabova.marhabo@mail.ru
Котиби Шуро, муаллими калон Шайдуллои Ҳоҷӣ
Телефон: (+992) 98-894-05-00.
E-mail: shaydullo-91@mail.ru

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11Факс:(+992-37) 221-48-84
E-mail:info@tnu.tj.int.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои Шодиев Р. А., Рачабова М. Т. ва Шайдуллои Ҳоҷиро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

21.02.22.

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Назаров Д.

21.02.22